**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

**Ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, д.и.и., дотсент __________ Асрорзода У.С.**

**«_11_» __12__________ соли 2023**

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Шарипов Самандар Самариддинович дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.**

**1. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда**

Диссертатсияи Шарипов Самандар Самариддинович дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон» таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзӯи мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ – ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон бахшида шуда, муҳтавои он ба ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Аз мазмуни диссертатсияи Шарипов Самандар Самариддинович бармеояд, ки он як рисолаи илмии дар сатҳи зарурӣ анҷомёфта буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона тадқиқ гардидааст ва ба яке аз мавзӯъҳои муҳим – «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон» бахшида шудааст.

Фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани истиқлолият аз ҷониби Тоҷикистон гузариши ҷумҳуриро ба шаклҳои бозории хоҷагидорӣ, таҳкими конститутсионии моликияти хусусӣ ва озодии фаъолияти соҳибкорӣ, густариши рақобат ва густариши савдои хориҷӣ, ки ба ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири куллӣ расонд.

Воқеияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ хеле зуд тағйир ёфт ва таърихи нави Тоҷикистони соҳибистиқлол оғоз гардид. Танзими муносибатҳои иқтисодӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлат буда, онро бо роҳҳои гуногун ба амал бароварда, дар ҳолатҳои зарурӣ ҳифз менамояд. Яке аз воситаҳои ҳифзи муносибатҳои иқтисодӣ аз ҷониби давлат тавассути қонунгузории ҷиноятӣ ба амал бароварда мешавад. Вобаста ба ин, дар Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон фасли XI ба ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт бахшида шудааст, ки он аз ду боб, яъне боби 26 ҷиноятҳо ба муқобили моликият ва боби 27 ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодиро дар бар мегирад. Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ – ин маҷмуи ҷиноятҳои дар боби 27 ва дигар бобҳои КҶ пешбинигардида мебошад, ки ба манфиатҳои давлат, ҷомеа ва шахсони алоҳида ҳангоми ба амал баровардани фаъолияти иқтисодӣ таҷовуз мекунанд. Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ аз ҳама боби калонтарин дар Кодекси ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки аз 39 моддаи мустақил иборат аст. Ҳар як моддаҳои ин боб дорои хусусиятҳои ба худ хос буда, вобаста ба дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ ва тарафи объективии худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Фиреби истеъмолкунандагон ҷинояти иқтисодии классикӣ ба ҳисоб меравад, ки ҷавобгарӣ барои он дар ҷаҳони мусулмонӣ ҳама вақт ҷой дошт. Муносибатҳои байни истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон, фурӯшандагон ҳангоми хариду фурӯши мол (хизматрасонӣ), ҳуқуқи истеъмолкунандагон оид ба харидани моли (хизматрасонии) дорои сифати муносиб, гирифтани маълумот оид ба мол (хизматрасонӣ) ва истеҳсолкунандагони (иҷрокунандагони, фурӯшандагони) он, ҳимояи давлатӣ ва ҷамъиятии манфиати онҳо бо Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004, № 72 муқаррар ва ба танзим дароварда шудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон” муносибатҳои байни истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон, фурӯшандагонро ҳангоми фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) ба танзим дароварда, ҳуқуқи истеъмолкунандагонро

барои харидани моли (кори, хизматрасонии) дорои сифати муносиб ва барои ҳаёту саломатии истеъмолкунандагон бехатар, гирифтани маълумот оид ба мол (кор, хизматрасонӣ) ва истеҳсолкунандагони (иҷрокунандагони, фурӯшандагони) он, ҳимояи давлатӣ ва ҷамъиятии манфиати онҳоро муқаррар ва тарзи татбиқи ин ҳуқуқҳоро муайян мекунад.

Ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон некӯаҳволӣ ва манфиатҳои истеъмолкунандагонро тавассути таълим, сафарбаркунӣ ва намояндагӣ муҳофизат мекунад. Ҳимояи истеъмолкунандагон кафолат медиҳад, ки истеъмолкунандагон дар бораи интихоби худ қарорҳои хуб қабул кунанд ва ба механизмҳои муассири ҷуброн дастрасӣ дошта бошанд. Он инчунин соҳибкоронро ташвиқ мекунад, ки сифати маҳсулот ва хидматҳои пешниҳодшударо кафолат диҳанд. Барои доштани низоми функсионалии ҳифзи истеъмолкунандагон, ҳукумат, тиҷорат ва истеъмолкунандагон бояд якҷоя кор кунанд. Ҳукумат бояд сиёсатҳо, қонунҳо ва қоидаҳои мувофиқро ҷорӣ кунад, то истеъмолкунандагонро аз амалҳои зараровари тиҷорат муҳофизат кунанд. Дар байни муассисаҳои дахлдоре, ки барои татбиқи ҳуқуқи истеъмолкунандагон масъуланд, инчунин алоқа ва меъёри самарабахш ба роҳ монда шавад. Ҳамзамон, соҳибкорон бояд аз амалҳои қаллобӣ ё беинсофона, ки истеъмолкунандагонро гумроҳ мекунанд ё таъсири манфӣ мерасонанд, худдорӣ кунанд. Истеъмолкунандагон, дар навбати худ, бояд дар бораи ҳуқуқҳои худ огоҳ бошанд ва тавонанд онро фаъолона ҳимоя кунанд. Ҷамъиятҳои матлубот дар бобати баланд бардоштани шуурнокӣ ва дастраси умум гардондани истеъмолкунандагон нақши калон мебозанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир содир намудани ҷиноятҳои иқтисодӣ рӯ ба болоравӣ дорад. Масалан, дар соли 2014 – 2891, соли 2015 – 3060, соли 2016 – 2797, соли 2017 – 3521, соли 2018 – 3547 ва соли 2019 – 3572 ҷинояти иқтисодӣ содир карда шудааст. Дар байни ҷиноятҳои иқтисодӣ содиршавии ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон низ назаррас мебошад. Масалан, дар соли 2000 - 203; 2001 - 197; 2002 - 120; 2007 - 123; 2010 - 160; 2011 - 270; 2012 - 281; 2013 - 248; 2014 – 444; 2015 – 223; 2016 – 236; 2017 – 225; 2018 – 227, 2019 – 195 , 2020 – 179, 2021 – 183 ва 2022 - 127 яъне танҳо дар чордаҳ сол 3641 ҷинояти фиреби

истеъмолкунандагон содир карда шудааст, ки ин нишондиҳанда ташвишовар мебошад. Ҳамзамон, ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон дар бештар маврид хусусияти латентиро ба худ касб намудааст, инчунин бо сабаби камаҳаммият буданаш (қ. 1 м. 294 КҶ ҶТ) аксари истеъмолкунандагон кӯшиш баҳри ҳифз намудани ҳуқуқҳои худ амали дахлдорро анҷом намедиҳанд.

Бояд гуфт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то кунун таҳқиқотҳои бунёдӣ вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон, бандубасти ҷинояти мазкур, фарқияти он аз дигар таркибҳои ҳамшабеҳ ва роҳҳои такмили қонунгузории ҷиноятии миллӣ роҷеъ ба масъалаи мазкур дар назаррас нест. Асосҳои собитсозандаи мубраммияти мавзӯи диссертатсияи тақризшаванда зиёд буда, бо ҳолатҳои қайдшуда ба итмом намерасанд. Кори илмии Шарипов Самандар Самариддинович саривақтӣ буда, дар он масъалаҳои муҳимми мураккаб ва баҳсноки илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд. Бо дарназардошти мавҷуд будани нуқсонҳои қонунгузорӣ ва баҳсҳои муҳаққиқон вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон мавзӯи мазкур таҷдиди назарро талаб менамояд. Аз ин лиҳоз, хулосаҳои манзурнамудаи диссертант қобили дастгирӣ мебошанд. Вобаста ба ин, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ тадқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи илмии мазкур нахустин тадқиқоти муназзам ва ҳамаҷониба вобаста ба рушди қонунгузории миллӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои иштирокчии ИДМ, тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии аломатҳои объективию субъективӣ, омӯзиши маълумоти омории маъмуриву ҷиноятӣ ва таҷрибаи судӣ вобаста ба мавзӯи фиреби истеъмолкунандагон мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз нуқтаи назари масъалагузорӣ, мавзӯи интихобшуда, усули баррасӣ ва роҳҳои илмии ҳалли масоили мавҷудаи ҷавобгарии ҷиноятӣ фиреби истеъмолкунандагон навгонии ҷиддӣ дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ,

махсусан ҳуқуқи ҷиноятии кишвар маҳсуб мегардад. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода мегардад, ки аз ҷониби муаллиф дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин пажӯҳиши мукаммал, ҳаматарафа, сохторӣ-пуррагӣ, таҳлили муқоисавии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон мувофиқи қонунгузории ҷиноятии ҶТ пешбинишуда ба шумор меравад.

Чунин нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда хусусияти навгонӣ доранд:

1. Муаллиф дуруст менависад, дар ҳар як марҳалаи нави тараққиёти ҷамъият, вақте ки барои ҳалли проблемаҳои мавҷуда ё нав бамиёномада саъю кӯшиши иловагӣ талаб карда мешавад ва ҳалли он бе таҳлили муайяни роҳи тайкардашудаи таърихӣ ғайриимкон аст. Фиреби истеъмолкунандагон дар ҳамаи даврахои инкишоф ва рушди ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун ҷиноят эътироф мегардид. Меъёрҳои ҳуқукиии Шариат дар муқаррар намудани ҷазои ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон нақши муассир бозидаанд. Сураи 83 Қуръон бо номи «Ад-мутаффифин (камфурӯшон)»-ро метавон асоси криминализатсия намудани фиреби истеъмолкунандагон эътироф кард. Маҳз меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ фурӯшандагонро вазифадор карда буд, ки дар бораи ҳама гуна камбудиҳо ё норасоиҳои маҳсулоташон истеъмолкунандагонро огоҳ намоянд ва набояд кӯшиши фиреб додан ё ба иштибоҳ андохтани онҳо далелҳоро бардурӯғ нишон диҳанд. Вобаста ба адолат баркашидани молу маҳсулот ва камфурӯшӣ накардан меъёри ҳатмӣ барои мусулмонон ба ҳисоб меравад.

2. Мувофиқан ба м. 23 КҶ ҶТ барои фиреби истеъмолкунандагон шахсе ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст ва дар корхонаҳо сарфи назар аз шакли моликият, ки ба фурӯши молу маҳсулот ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ машғуланд, ҳамчунин метавонад шаҳрванди одӣ бошад. Бояд қайд намуд, ки муқаррароти м. 294 КҶ ҶТ бо Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» вобаста ба доираи субъектоне, ки метавонанд ба фиреби истеъмолкунанда машғул шаванд, мутобиқат намекунад. Яке аз масъалаҳои дар назари аввал одӣ, вале дар асл

мураккаб ва баҳсталаб, масъалаи мафҳумҳои «истеҳсолкунанда», «иҷрокунанда» ва «фурӯшанда», ки метавонанд истеъмолкунандаро фиреби диҳанд, мебошад. Яъне, «истеҳсолкунанда», «иҷрокунанда» ва «фурӯшанда» ҳамчун субъекти ҷиноят бояд дар м. 294 КҶ ҶТ бевосита нишон дода шаванд.

3. Мо бо чунин ақида розӣ шуда наметавонем, ки субъекти фиреб додани истеъмолкунандагон шахсоне шуда метавонанд, ки бо ташкилоти савдо муносибатҳои меҳнатӣ надоранд (масалан, хешу табор ё шиносони фурӯшандае, ки ӯро иваз мекунад). Чунин хулосаҳо ба меъёрҳои қонун мухолифанд ва диспозицияи м. 294 КҶ ҶТ-ро ба таври васеъ маънидод менамоянд. Ба акидаи мо, кирдорҳои чунин шахсон бо м. 247 КҶ ҶТ, яъне ҳамчун қаллобӣ бояд бандубаст карда шавад. Чунин равиши ҳалли масъала, яъне ҷавобгарии ҷиноятии коркунони савдо, ки бо ташкилоти савдо муносибатҳои меҳнатӣ доранд, вале вазифаҳои гуногуни ёрирасонро (фаррошҳо, коргарони ёрирасон ва ғайра) иҷро мекунанд, самаранок мебошад. Агар онҳо аз номи корфармо фурӯшандаро иваз карда, истеъмолкунандагонро фиреб диҳанд, онҳо тибқи м. 294 КҶ ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, дар акси ҳол – кирдори онҳо бо м. 247 КҶ ҶТ бояд бандубаст карда шавад.

4. Истифодаи истилоҳи “шаҳрвандон” дар таркиби м. 294 КҶ ҶТ ба максад мувофиқ нест. Зеро, аввалан, истилоҳи шаҳрванд мансуби шахси муайянро ба як давлат дорад, сониян, шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар ҶТ кору фаъолият доранд метавонанд ҳангоми содир намудани ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон бе ҷазо монанд. Пешниҳод карда мешавад, ки дар м. 294 КҶ ҶТ истилоҳи “шаҳрванд” бо истилоҳи “соҳибкорони инфиродӣ (шахсони воқеӣ)” иваз карда шавад.

**5.** Қисми 1. м. 294 дар таҳрири зерин пешниҳод карда мешавад: “Камтар чен кардан, кам баркашидан, кам додани бақияи пул, гумроҳ кардани истеъмолкунандагон дар мавриди хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) ё дигар навъи фиреб додани истеъмолкунандагон дар корхонаҳо сарфи назар аз шакли моликият, ки ба фурӯши молу маҳсулот ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ машғуланд, ҳамчунин аз ҷониби шаҳрвандон *ба миқдори калон ва дар давоми сол баъд аз додани ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад,* содир шуда

бошанд”.

**6.** Дар қ. 2 м. 294 КҶ ҶТ ҳолати бандубастшавандаи “аз ҷониби шахсе, ки қаблан барои фиреби истеъмолкунандагон суд шудааст, содир шуда бошад”, хориҷ карда шавад.

**7.** Эзоҳи м. 294 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин пешниҳод карда шавад**:** Фиреби истеъмолкунандагон ҳангоме ба миқдори калон содиршуда шумурда мешавад, ки агар зарари ба истеъмолкунандагон расонидашуда аз як нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар, ба миқдори махсусан калон бошад — аз даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад.

Нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод гаштаанд, аз лиҳози илмӣ-методологӣ бо истифода аз ақидаҳои маъмули дар илм пазируфташуда, дар робита бо қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқӣ исбот карда шудаанд. Онҳо дар муқоиса бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар илм истифода мешаванд, навгонии илмӣ доранд.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Диссертатсия таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории самти ҳифзи ҳуқуқии фаъолияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад. Ҷанбаҳои дигари мавзӯи диссертатсия барои рушди илмҳои соҳавии дигари ҳуқуқшиносӣ (ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон) аҳамияти муҳим дорад.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, инчунин таҳлили танқидии ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Натиҷаҳои таҳқиқот аз хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати мукаммалнамоии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии

ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон ҳамчун ҷиноят, иборат мебошад. Хулосаҳо ва нуқтаҳои илмие, ки дар рафти таҳқиқи диссертатсия ба даст омадаанд, метавонанд дар ҷараёни таҳқиқоти минбаъдаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ҳифзи муносибатҳои иқтисодӣ, бахусус амнияти иқтисодӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои истеъмолкунандагон истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ватанӣ, аз ҷумла КҶ ҶТ, қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ, Қонуни ҶТ «Дар бораи химояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ва ғайра гарданд; дар амалия тартиби дуруст бандубаст кардан ва татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ ҷиҳати ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон дуруст танзим карда шаванд, фаъолияти қонунгузорӣ ва қонунтатбиққунии судҳо ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода гарданд. Ҳамзамон, хулосаҳои диссертатсия барои таълими фанҳо ва гузаронидани тадқиқоти илмӣ, зимни омӯзиши фанҳои таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, фанни “Ҷиноятҳои иқтисодӣ”, “Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ”, таҳқиқоти илмӣ аҳаммияти калон доранд.

**Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти унвонҷӯ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасад. Бо дарназардошти андешаҳои боло баъзе эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия ва авторефреат пешниҳод мешаванд:**

1. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки намудҳои нави кирдорҳоеро номбар намуд, ки метавонанд ҳамчун фиреби истеъмолкунандагон баромад кунанд, аз ҷумла: сохтакории молҳо, рекламаи бардуруғ, фиребкорӣ дар самти ченаки иттилоот, истифодаи ғайриқонунии воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни аҳдҳои граждании молҳо, корҳо ва хизматрасонӣ (автореферат С.20). Пешниҳоди мазкур дар самти эътирофи рекламаи бардуруғ баҳснок мебошад. Зеро дар КҶ ҶТ моддаи алоҳида барои паҳн кардани рекламаи бардуруғ муқаррар карда шудааст.

2. Дар саҳифаи 137 диссертатсия муаллиф менависад, ки намуди дигари фиреби истеъмолкунандагон ин фиреб додан ҳангоми муомилоте, ки бо воҳиди

ченаки ҳаҷми иттилоот вобаста аст. Оё дар амалия чуниннамуди фиреб ҷой дорад? Пешниҳоди мазкур асоснoккунии иловагиро талаб мекунад.

3. Дар саҳифаи 149 диссертатсия муаллиф қайд менамояд, ки яке аз масъалаҳои дар назари аввал одӣ, вале дар асл мураккаб ва баҳсталаб, масъалаи мафҳумҳои «истеҳсолкунанда», «иҷрокунанда» ва «фурӯшанда», ки метавонанд истеъмолкунандаро фиреби диҳанд, мебошад. Яъне, «истеҳсолкунанда», «иҷрокунанда» ва «фурӯшанда» ҳамчун субъекти ҷиноят бояд дар м. 294 КҶ ҶТ бевосита нишон дода шаванд.Оё ин пешниҳод доираи субъекти м. 294 кҶ ҶТ-ро маҳдуд намесозад? Шарҳи муаллиф вобаста ба ҳолати мазкур талаб карда мешавад.

**Албатта, камбудиҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро паст намекунанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд.** Хулосаҳои пешниҳодгардидаи Шарипов Самандар Самариддинович мантиқан дуруст ва илман асосноканд. Бешубҳа, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии тақризшаванда аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд, метавонанд дар фаъолияти илмӣ ва раванди таълим истифода шаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мутобиқати тахассуси илмии Шарипов Самандар Самариддинович барои дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҷавобгӯ буда, ҳамзамон робитаи кор бо ихтисоси мазкур мувофиқ аст. Яъне диссертатсия дар доираи кори илмию тадқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, ки ба мавзуи «Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони муосири рушд (барои солҳои 2016-2020)» бахшида шудааст, омода гардидааст.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Шарипов Самандар Самариддинович муаллифи 8 маводи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва 4 мақола дар дигар журналҳо мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон» бахшида шудаанд. Аз ин теъдоди асарҳои илмӣ, 4 мақола

дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллиф бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, интишороти ӯ исбот карда мешаванд. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои асосии илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар чорабиниҳои гуногуни илмӣ, аз ҷумла, семинарҳо, семинармашваратҳо, конференсияҳои илмӣ, илмӣ-назариявӣ ва назариявӣ, форумҳои миллӣ тасдиқ карда мешаванд. Ҳамзамон тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавоии диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавоии диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмун мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Шарипов Самандар Самариддинович ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Шарипов Самандар Самариддинович пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, бахусус, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалогия ва соҳаҳои дигар мусоидат карда, боис мегарданд, ки яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқи граждани такмил ёбад. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва такмили сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷумҳурӣ аҳамияти муҳим доранд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, курси махсуси “Ҷиноятҳои иқтисодӣ” ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати корро нишон медиҳанд.

Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, натиҷаҳои он барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузорӣ аҳамият дошта, муаллифи он Шарипов Самандар Самариддинович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Протоколи семинари васеи илмӣ-назариявӣ № 5 аз 9 декабри соли 2023.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби С.А. Миралиев – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯи ихтисоси 12.00.08-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноят), дотсенти кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон омода карда шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Протоколи кафедра № 5 аз 9 декабри соли 2023.

Дар ҷаласаи кафедра аз 7 нафар иштирок доштанд: 7 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 7, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Нодиров Ф.М.

Ташхисгар, дотсенти кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Миралиев С.А.

Котиби семинари васеи илмӣ-назариявӣ,
Дотсенти кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Сафаров И.Д.

«Имзои Ф.М. Нодиров, С.А. Миралиев ва
Сафаров И.Д.-ро тасдиқ мекунам»:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон Ҷӯраев Ш.Н.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад 48/5,**Тел.:** (+992 237) 234-88-02. **E-mail:** miraliev31@gmail.com